

*Халқи тоҷик теғи дармонбахши Синоро гирифт,*
*Теғи дармонбахши Сино рӯи дунёро гирифт.*

# ШИФО

№16 (16) 31.10.2018 | Нашрия аз феврали соли 2018 чоп мешавад | www.moh.tj | nashriyai.shifo@mail.ru

Нашрияи Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон



## МАҶЛИСИ ҲУКУМАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

30 октябр таҳти раёсати Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Раиси Ҳукумати кишвар мӯҳтарам Эмомалӣ Раҳмон маҷлиси Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон баргузор гардид.

Нахуст "Доир ба ҷамъбасти натиҷаҳои рушди иҷтимоию иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар нуҳ моҳи соли 2018 ҳисоботи Вазири рушди иқтисод ва савдо Неъматулло Ҳикматуллозода шунида шуд.

Президенти мамлакат мӯҳтарам Эмомалӣ Раҳмон натиҷаҳои рушди иқтисодиву иҷтимоии Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар нуҳ моҳи соли 2018 таҳлил намуда, Вазорати молия, Кумитаи андоз, Хадамоти гумрук ва Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳру ноҳияҳоро вазифадор карданд, ки бо мақсади таъмини сифатноки нақшаи иҷрои буҷети давлатӣ дар соли 2018, татбиқи мақсадҳои стратегии гузошташуда ва таъмин намудани рушди босуръати иқтисодии кишвар тадбирҳои амалӣ андешанд.

Супоришҳои дигар ба вазорату идораҳои давлатӣ барои таъмини шаффофияти хароҷоти маблағҳои буҷетӣ, нигоҳ доштани устувории қурби пули миллӣ, ба кор андохтани иқтидорҳои нав, барқарор намудани фаъолияти корхонаҳои аз фаъолият бозмонда, ба роҳ мондани истеҳсоли маҳсулоти рақобатпазир, афзоиши содироти молу маҳсулот, роҳандозии фаъолияти самаранок дар самти истеҳсол ва истифодабарии неруи барқ, дода шуд

Дар кори маҷлис Оид ба лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2019" ва дурнамои нишондиҳандаҳои буҷети давлатӣ барои солҳои 2020 - 2021 ва Дар бораи лоиҳаи Барномаи қарзгирии берунаи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2019 ва дурнамои нишондиҳандаҳои он барои солҳои 2020 - 2021 гузориши Вазири молияи ҷумҳурӣ Файзиддин Қаҳҳорзода шунида шуд.

***Идома дар саҳ.2***

ФАЪОЛИЯТИ 17 МАРКАЗИ СТОМАТОЛОГӢ МАНЪ КАРДА ШУД — саҳ.3

ДАЛЕЛҲОИ АҶИБИ ТИББӢ — саҳ.5

САБЗИИ КИШТШАВАНДА: ХОСИЯТҲОИ ТИББИЮ КИМИЁӢ — саҳ.6-7

ГЕПАТИТҲОИ ВИРУСӢ ВА ТАШХИСИ ОНҲО — саҳ.8

### Сухани Пешвои миллат

Соли 2017 ва шаш моҳи соли ҷорӣ дар маркази вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳо 24 беморхонаву марказҳои саломатӣ ва 78 бунгоҳи тиббӣ ба фаъолият оғоз кардаанд, ки ҳамаи онҳо бо таҷҳизоту технологияҳои муосир муҷаҳҳаз гардонида шудаанд.

## ФАРБЕҲӢ ВА ОҚИБАТҲОИ НОГУВОРИ ОН

Тавре ки ба ҳамагон маълум аст, инсоният аз рӯзе, ки дар сайёраи замин ба зистан шурӯъ кард, ба мушкилоти мухталиф рӯбарӯ гардида, барои ҳаёт ва эмин мондан аз ҳар гуна хатарҳо ҳамеша дар талош буд.

Дар замони ҳозира низ инсоният бо мушкилоти иҷтимоӣ, иқтисодӣ, тандурустӣ, озуқаворӣ ва дигарҳо дар мубориза аст. Новобаста аз тараққиёти илму технология, баланд шудани сатҳи донишу фарҳанги аҳолии сайёра, ҳанӯз ҳам гурӯҳи бемориҳои табобатнашаванда ё бемориҳое, ки табобати онҳо хароҷоти зиёди маблағ, нерӯ ва иродаи баланди беморро талаб мекунад, хеле зиёданд. Яке аз чунин бемориҳое, ки онро ҳамчун вабои аср эълон кардаанд – фарбеҳӣ мебошад. Айни ҳол шумораи гирифторони фарбеҳӣ ниҳоят зиёд аст. Махсусан, дар кишварҳои абарқудрати дунё ба мисли Америко, Мексика, Испания, Бразилия, Федератсияи Россия гирифторони ин беморӣ зиёд буда, инчунин аҳолии Тоҷикистон низ ба ин гурӯҳ шомил аст.

Фарбеҳӣ ҳолатест, ки бо зиёдшавии чарбҳо дар организм ва ҷамъшавии он дар чарби зери пӯст ва

***Идома дар саҳ.6-7***

# МАҶЛИСИ ҲУКУМАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Идома аз саҳ.1

Таъкид карда шуд, ки лоиҳаҳои қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи буҷети давлатӣ бо мақсади дар амал татбиқ кардани сиёсати иҷтимоию иқтисодии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба амалӣ кардани афзалиятҳои муҳими стратегии давлатӣ, аз ҷумла таъмини истиқлолияти энергетикӣ, раҳоии кишвар аз бунбасти коммуникатсионӣ, бехатарии озуқаворӣ, таъмини ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ ва суръат бахшидан ба рушди иқтисодиёт, таҳия гардидааст.

Сипас дар кори маҷлис масъала Дар бораи ҷашн гирифтани 30 - солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди баррасӣ қарор дода шуд.

Лоиҳаи қарори мазкур барои таҳияи нақшаи чорабиниҳои ҷумҳуриявӣ ва ворид кардани иншооти зарурӣ ба он баъди аз ҷониби вазорату идораҳо ва мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ манзур кардани таклифу пешниҳодот, таҳия карда шудааст.

Оид ба лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи ҳунармандӣ" гузориши раиси Кумитаи рушди сайёҳӣ Нуъмон Абдуғаффорзода шунида шуд.

Таъкид гардид, ки лоиҳаи ин қарор бо мақсади эҳё, ҳифз, рушди мероси фарҳангӣ,



анъанаҳои таърихии санъати ҳунармандӣ, қонеъ гардонидани талабот ба маснуот ва маҳсулоти ҳунармандон, фароҳам овардани шароит барои рушди ҳунармандӣ, ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагон ва истеҳсолкунандагони маҳсулоти ҳунармандӣ таҳия ва пешниҳод гардидааст.

Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дастур доданд, ки дар доираи Соли рушди сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ корҳои тарғиботию ташвиқотиро барои рушди ҳунарҳои мардумӣ ҷоннок карда, дар шаҳру ноҳияҳо марказҳои омӯзишӣ касбу ҳунарҳои мардумиро таъсис диҳанд. Дастурҳои дигар барои эҳё ва гиромидошти анъанаҳои миллӣ, рушди соҳибкории хурду миёна ва тарғиби тарзи ҳаёти солим, дода шуд.

Дар кори маҷлис баъди муҳокима хулосаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои баррасӣ ба Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ирсол карда шуд.

Аъзои ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон лоиҳаҳои як қатор қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз ҷумла Оид ба лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон" ва Дар бораи лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Оид ба ворид намудани тағйирот ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи мудофиаи граждании" - ро мавриди баррасӣ қарор доданд.

Дар кори маҷлис ҳамчунин лоиҳаҳои қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Дар бораи намояндагони тиҷоратии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давлатҳои хориҷӣ, Дар бораи Барномаи давлатии рушд ва татбиқи технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2018 - 2020 ва Дар бораи Барномаи бехатарии маҳсулоти озуқаворӣ Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2019 - 2023 муҳокима карда шуд.

Дар анҷоми кори маҷлиси Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон барои иҷрои саривақтии масъалаҳои дар маҷлис баррасишуда ва барои дар сатҳи баланди ташкилӣ гузаронидани маъракаи зимистон, захираи кофии маводи сухт ва озуқа, омодагии иншооти соҳаи иҷтимоӣ дар фасли сармо, ҷамъоварии беталафи ҳосили маҳсулоти кишоварзӣ, супоришҳои мушаххас доданд.

www.president.tj

# МАШВАРАТИ КОРӢ БО РОҲБАРОНУ ФАЪОЛОНИ ВИЛОЯТИ СУҒД



25 октябр Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо роҳбарону фаъолони вилояти Суғд машварати корӣ доир намуданд.

Дар кори машварат вазъи иқтисодию иҷтимоии вилояти Суғд, ҷамъбасти рушди бахшҳои вилоят дар нуҳ моҳи соли 2018, рафти иҷрои дастуру супоришҳои қаблии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, татбиқи нақшаи ободониву бунёдкории шаҳру ноҳияҳои вилоят барои таҷлили сазовори ҷашни 30 - солагии Истиқлолияти давлатӣ, мавриди таҳлилу баррасӣ қарор дода шуд.

Зимни суханронӣ Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон рушди бахшҳои иқтисодию иҷтимоии шаҳру ноҳияҳои вилоятро мавриди таҳлили амиқ қарор доданд.

Таъкид гардид, ки аз руи таҳлилҳо солҳои охир истеҳсолоти саноатӣ дар вилоят тадриҷан афзоиш ёфта, дар он саҳми соҳаҳои истихроҷи маъдан, коркарди ашёи хом ва кишоварзӣ зиёд шуда истодааст. Дар нуҳ моҳи соли 2018 афзоиши маҷмӯи маҳсулоти вилоят 107 фоиз ва истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ қариб 110 фоиз таъмин гардида, ҳаҷми онҳо мутаносибан ба 12,8 ва 8,1 миллиард сомонӣ баробар шудааст.

Дар вилоят ҳаҷми умумии маҳсулоти кишоварзӣ дар моҳҳои январ - сентябри соли 2018 ба 5,6 миллиард сомонӣ расида, нисбат ба ҳамин давраи соли 2017-ум 6,6 фоиз, аз ҷумла дар соҳаи растанипарварӣ 4,4 миллиард сомонӣ ё 7,6 фоиз ва чорводорӣ 1,2 миллиард сомонӣ ё 3,1 фоиз зиёд шудааст.

Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилоят ва шаҳру ноҳияҳои он барои сари вақт ҷамъоварӣ намудани ҳосили пахта, мева ва дигар намудҳои маҳсулоти кишоварзӣ, захираи ҳаҷми зарурии маҳсулот, таъсиси коргоҳу корхонаҳои коркарди маҳсулоти кишоварзӣ, бастубанду содироти он, ташкили гармхонаҳои нав, бунёди боғи меваҳои содиротӣ ва мунтазам зиёд кардани майдони кишти сабзавоту картошка, вазифадор карда шуданд.



Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон таъкид доштанд, ки дар зарфи солҳои 2016-2017 қисми зиёди лоиҳаҳои дар Барномаи рушди иҷтимоию иқтисодии вилояти Суғд барои солҳои 2016-2020 ба нақша гирифташуда аз ҷониби мақомоти масъул маблағгузорӣ нашудааст. Тибқи маълумот дар ин муддат 1,3 миллиард сомонӣ сармояи хориҷӣ ба татбиқи лоиҳаҳо ҷалб гардидааст, ки ҳамагӣ 28 фоизи нақшаро ташкил медиҳад.

Дар баробари дастовардҳо дар бахшҳои алоҳида камбудиҳо низ ба назар мерасанд ва Сарвари давлат барои ислоҳи камбудиҳо, иҷрои саривақтии вазифаҳо ба масъулин дастурҳои мушаххас доданд.

Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба роҳбарияти Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилоят ва шаҳру ноҳияҳо, инчунин ба вазорату кумитаҳои дахлдор супориш доданд, ки камбудиҳои ҷойдоштаро дар самти татбиқи босифату саривақтии барномаҳои гуногуни рушди иқтисодиву иҷтимоӣ бартараф намоянд.

Вазифаҳои дигар ҳамчунин вобаста ба иҷрои саривақтию босифати корҳои саҳрой, кишту кори такрорӣ, ҷамъоварии беталафи ҳосили парваришшуда, рушди соҳаи саноат, истифодаи пурраи иқтидорҳои саноатии корхонаҳои амалкунанда, бунёди корхонаҳои нав, таъсиси ҷойҳои корӣ, афзоиши истеҳсоли маҳсулоти босифату воридотивазкунанда ва таъмини бозорҳои дохилӣ бо маҳсулоти кишоварзӣ ва захираи зарурии маводи озуқа, дода шуд.

Дар нуҳ моҳи соли 2018 аз 614 корхонаи саноатӣ 100 корхона ё аз шумораи умумӣ 17 фоиз бо сабабҳои гуногун фаъолият накардааст.

Бинобар ин Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилоят ва шаҳру ноҳияҳои он ва вазорату идораҳои дахлдорро вазифадор карданд, ки доир ба фароҳам овардани шароит барои барқарор намудани корхонаҳои аз фаъолият бозмонда тадбирҳои дахлдор андешанд.

Дастурҳои дигар доир ба ҷалби ҳарчи бештари сармояи дохиливу хориҷӣ барои ташкили корхонаҳои муштараки саноатӣ, таҷҳизонидани корхонаҳо бо технологияҳои муосир ва диверсификатсияи истеҳсолоту содирот, дода шуд.

Дар асоси нақшаи ободониву бунёдкории шаҳру ноҳияҳои вилоят барои таҷлили ҷашни 30 - солагии Истиқлолияти давлатӣ беш аз 6000 иншооти таъиноти иҷтимоиву иқтисодӣ ба нақша гирифта шудааст, ки ҳамаи онҳо боиси фароҳам омадани даҳҳо ҳазор ҷойи нави кор, ҳалли бисёр мушкилоти иҷтимоии сокинон ва боз ҳам ободу зебо шудани шаҳру ноҳияҳо мегарданд.

Бинобар ин, ба роҳбарони мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилоят ва шаҳру ноҳияҳои он ва дигар вазорату идораҳои давлатӣ супориш дода шуд, ки бунёди иншооти банақшагирифтаро бо

Идома дар саҳ.3

Идома аз саҳ.2

риояи меъёрҳои ҳозиразамон, санъати баланди меъморӣ, сари вақт ва босифат таъмин созанд.

Зимни баромади худ Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҳамчунин масъалаҳои рушди минбаъдаи шаҳру ноҳияҳо, беҳтар шудани сатҳи некӯаҳволии мардум, аз ҷумла пешрафти соҳаи сайёҳӣ, таъмин намудани амният, суботу оромӣ, тартиботи ҳуқуқӣ ва волоияти қонун дар қаламрави вилоятро мавриди таҳлилу баррасӣ қарор дода, сохторҳои марбутаро барои пешрафти кор дар ин самтҳо ва ислоҳи камбудиҳо, волоияти қонун, таъмини тартиботи ҷамъиятӣ, вазифадор карданд.

Супоришҳо ҳамчунин доир ба риояи талаботи қонунгузорӣ дар бораи танзими анъана ва ҷашну маросим, истифодаи сарфакоронаи нерӯи барқ ва фаъолияти мунтазами иншооти энергетикӣ, захираи маводи сухт дар давраи зимистонгузаронӣ, дода шуд.

Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон сатҳи ҷинояту ҷинояткориро дар ҳудуди вилоят таҳлил намуда, вобаста ба ислоҳи камбудиҳо дар ин самт ва пешгирию коҳиш додани сатҳи ҷинояткорӣ дар назди Мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ вазифаҳои мушаххас гузоштанд.

Дар машварат ҳисоботи Раиси вилояти Суғд Раҷаббой Аҳмадзода ва раисони як қатор шаҳру ноҳияҳои вилоят оид ба натиҷаи фаъолияти бахшҳои хоҷагии халқи вилоят давоми нуҳ моҳи соли 2018, рафти татбиқи супоришҳои Президент ва Ҳукумати кишвар ва иҷрои дигар дастуру ҳидоятҳои Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон шунида шуд.

Дар охири кори машварат Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо итминон изҳор доштанд, ки сокинони меҳнаткарини вилояти Суғд минбаъд низ бо сарҷамъӣ ва ҳисси баланди миллӣ барои рушди Тоҷикистони соҳибистиқлол, иҷрои дастуру супоришҳои Ҳукумати мамлакат баҳри пешбурди соҳаи иқтисодию иҷтимоӣ бештар талош варзида, дар пешрафти ҷомеа саҳми босазо мегузоранд.

www.president.tj

# ФАЪОЛИЯТИ 17 МАРКАЗИ СТОМАТОЛОГӢ МАНЪ КАРДА ШУД



Хадамоти назорати давлатии тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ тибқи дастуру супоришҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар вохӯрӣ бо кормандони соҳаи тандурустӣ дар Рӯзи дониш дар Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абӯалӣ ибни Сино, инчунин дар маҷлиси Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва вохӯриҳо бо дигар сохторҳои дахлдор “Оиди пешгирӣ, дарёфт ва муолиҷаи бемориҳои сироятӣ (махсусан ВНМО, гепатитҳо ва ғайраҳо)” дар муассисаҳои стомотологӣ, сартарошхонаҳо ва кошонаҳои ҳусн новобаста аз шакли моликият ва тобеияти идоравӣ дар сатҳи ҷумҳурӣ як қатор санҷиш-рейдҳо гузаронидааст.

Тавре аз Хадамоти назорати давлатии тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ иттилоъ доданд, ҳангоми санҷишҳои вижа, ки фарогири 44 адад муассисаҳои хусусии стоматологии шаҳри Душанбе ва шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ буд, муайян шудааст, ки 3 муассиса дар таъмир, 8 ҳуҷра муваққатан фаъолияташонро қатъ кардаанд, 3 муассиса дар вақти санҷиш фаъолият намекарданд. Инчунин дар 6 муассиса аз тарафи Хадамот дар соли ҷорӣ санҷишҳои нақшавӣ гузаронида шудаанд. Дар рафти санҷиш фаъолияти 17 адад марказҳои стоматологӣ баста шуда, амрномаҳо оиди иҷроиши камбудиҳо ирсол карда шудаанд. Айни ҳол 7 адад аз ин марказҳо тибқи талаботҳои фармоиши Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолият доранд.

Дар натиҷаи санҷиш-рейдҳо муайян карда шудааст, ки новобаста аз корҳои анҷомдодашуда ҳоло ҳам дар фаъолияти бархе марказҳо ва ҳуҷраҳои стоматологӣ камбудиҳо ҷой доранд. Аз ҷумла дар баъзе чунин марказҳо талаботҳои фармоиши Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 ноябри соли 2014, №1006 “Дар бораи дар амалияи муассисаҳои стоматологӣ ворид намудани истифодаи тестҳои фаврӣ, муроҷиаткунандагон пеш аз табобат барои гузаронидани таҳлилҳои озмоишӣ оиди муайян намудани вируси гепатитҳои “В”, “С” ва ВНМО” риоя карда намешаванд, рӯзномаи баҳисобгирии кори табиби стоматолог шакли 041 мавҷуд нест. Аз ҷониби табибони стоматолог шакли 043 тибқи талаботҳо пур карда намешавад. Ташхисҳо, шикоятҳо, бемориҳои гузаронидашуда ва ҳамрадиф, вазъи аллергикӣ, гепатити вирусӣ, инкишофи бемории мазкур, маълумотҳо оид ба санҷиши объективӣ, муоинаи ковокии даҳон, ҳолати дандонҳо дар картаи тиббии стоматологӣ қайд карда нашудаанд.

Бояд гуфт, ки дар бисёре аз марказҳои стоматологӣ сатҳу сифати хизматрасонӣ хуб роҳандоҳӣ гардида, пурра ҷавобгӯи талабот мебошанд. Дар рафти санҷиши картаҳои тиббии бемориҳои стоматологӣ, шакли 043 нишон дод, ки ҳолати умумии беморон дуруст баҳогузорӣ шуда, тибқи протоколҳои клиникӣ аз рӯи нишондод табобати беморон гузаронида мешавад.

Мавриди зикр аст, ки дар сатҳи ҷумҳурӣ шумораи умумии иншоотҳои стоматологӣ 579 ададро ташкил медиҳад. Дар натиҷаи санҷишҳои санитарию эпидемиологие, ки давоми 9 моҳи соли ҷорӣ аз тарафи мутахассисони вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ дар 579 чунин иншотҳо санҷишҳои санитарию эпидемиологӣ гузаронида шудаанд, барои риоя нагардидани талаботҳои санитарию эпидемиологӣ ба 219 нафар шахсони масъул протоколҳои ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ тартиб дода шуда, қарорҳои ҷаримабандӣ баровarда шудааст. Ҳамзамон, фаъолияти 114 иншоотҳо ба сабаби ҷавобгӯй набудан ба талаботҳои санитарию гигиенӣ муваққатан боздошта шудааст.

Мувофиқи иттилои Хадамот дар сатҳи ҷумҳурӣ шумораи умумии иншоотҳои сартарошхона 956 ададро ташкил медиҳад, ки зери назорати мутахассисони Хадамот қарор доранд.

Дар 9 моҳи соли ҷорӣ аз тарафи мутахассисони вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ дар 820 иншоотҳои сартарошхона санҷишҳои санитарию эпидемиологӣ гузаронида шудаанд, ки дар натиҷа барои риоя нагардидани талаботҳои санитарию эпидемиологӣ ба 361 нафар шахсони масъул протоколҳои ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ тартиб дода шуда, қарорҳои ҷаримабандӣ баровarда шудааст.

Дар сатҳи ҷумҳурӣ шумораи умумии иншоотҳои кошонаи ҳусн 447 ададро ташкил медиҳад. Дар 9 моҳи соли ҷорӣ мутахассисони вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ дар 400 иншоотҳои кошонаи ҳусн санҷишҳои санитарию эпидемиологӣ гузаронидаанд, ки дар натиҷа онҳо барои риоя нагардидани талаботҳои санитарию эпидемиологӣ ба 361 нафар шахсони масъул протоколҳои ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ тартиб дода шуда ва қарорҳои ҷаримабандӣ баровarда шудааст. Инчунин, фаъолияти 207 иншоотҳо ба сабаби ҷавобгӯй набудан ба талаботҳои санитарию гигиенӣ муваққатан боздошта шудааст.

Тибқи иттилои Хадамот дар сатҳи ҷумҳурӣ шумораи умумии иншоотҳои косметологӣ 25 ададро ташкил медиҳад, ки дар 9 моҳи соли ҷорӣ аз тарафи мутахассисони вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ дар ҳамаи онҳо санҷишҳои санитарию эпидемиологӣ гузаронида шудаанд, ки аз ин 11 адад санҷишҳои духтуронро ташкил менамояд. Инчунин 3 адад санҷишҳо бо истифода аз усулҳои лабарраторӣ гузаронида шудааст. Барои риоя нагардидани талаботҳои санитарию эпидемиологӣ ба 3 нафар шахсони масъул протоколҳои ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ тартиб дода шуда, қарорҳои ҷаримабандӣ баровarда шудааст.



ШИФО

# ШАРҲИ ЯКҶОЯИ СОЛИ ҲАШТУМИ ТАТБИҚИ «СТРАТЕГИЯИ МИЛЛИИ СОЛИМИИ АҲОЛИИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН БАРОИ СОЛҲОИ 2010-2020» БАРГУЗОР МЕГАРДАД

Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон Шарҳи якҷояи татбиқи «Стратегияи миллии солимии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2010-2020»-ро бо баррасии мушкилот ва банақшагирии масъалаҳои тандурустӣ барои соли минбаъд ҳамасола баргузор менамояд.

2 ноябри соли равон бо мақсади ҷамъбасти натиҷаи фаъолияти соҳа дар доираи амалисозии « Стратегияи миллии солимии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2010-2020», ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 2 августи соли 2010 тасдиқ гардидааст, дар Муассисаи давлатии «Маҷмааи Душанбе Плаза» Шарҳи якҷояи соли ҳаштуми татбиқи «Стратегияи миллии солими аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2010-2020» сурат мегирад.

Бояд гуфт, ки дар кори Саммит намояндагони Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, роҳбарияти Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон, роҳбарони сохторҳои тандурустии шаҳру вилоятҳо ва муассисаҳои ҷумҳуриявӣ, профессорону устодони соҳаи тиб, намояндагони Ташкилоти Умумиҷаҳонии тандурустӣ дар Тоҷикистон, шариконӣ ҳамкор оид ба рушд, ташкилотҳои ғайридавлатӣ ва доираи васеи рузноманигорон иштирок менамоянд.

Дар чорабинии мазкур дастовардҳои умумӣ ва вазъи татбиқи «Стратегияи миллии солимии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2010-2020» мавриди таҳлилу баррасии ҳамаҷониба қарор мегирад.

www.moh.tj


ОДАФТ
-------- 150 --------
Флуконазол таблетки
Синтетическое противогрибковое средство из группы триазолов
Показания:
▷ Вагинальный кандидоз;
▷ Ротоглоточный и пищеводный кандидоз;
▷ Криптококковый менингит;
▷ Кандидозные инфекции мочевыводящих путей и перитонит;
▷ Системные кандидозные инфекции;
▷ Профилактика кандидоза у пациентов, получающих цитотоксическую и/или лучевую терапию после трансплантации костного мозга.
1 таблетка
ОДАФТ
150
Флуконазол таблетки
ТОВАР СЕРТИФИЦИРОВАН


ВОЛШЕБНАЯ СИЛА ТРАВ
Устраняет кашель и боль в горле
Освежает полость рта
■ Без притовопоказаний
■ Не вызывает побочные эффекекты
100 мл
ТРАВИСИЛ™
Травяной сироп от кашля
Plethico
Pledged to Ethics
СПРАШИВАЙТЕ В АПТЕКАХ


НИМЕЗ™
Быстрое и безопасное действие при повышенной температуре и боли
● Ревматоидный артрит и остеоартрит;
● Воспаления мягких тканей;
● Лихорадка;
● Боль;
● Головная боль;
● Зубная боль.
1 x 10 таблеток
Нимесулид таблетки 100 мг
НИМЕЗ™
Быстрое и безопасное действие при повышенной температуре и боли
СПРАШИВАЙТЕ В АПТЕКАХ
Plethico
Pledged to Ethics


МЕТРОГИЛ ДЕНТА
МЕТРОГИЛ ДЕНТА
Показания к применению
Инфекционно-воспалительные заболевания пародонта и слизистой оболочки полости рта:
– острый и хронический гингивит;
– острый язвенно-некротический гингивит Венсана;
– острый и хронический пародонтит;
– юношеский пародонтит;
– пародонтоз, осложненный гингивитом;
– афтозный стоматит;
– хейлит;
– воспаление слизистой оболочки полости рта при ношении протезов;
– постэкстракционный альвеолит;
– периодонтит, периодонтальный абсцесс
ТОВАР СЕРТИФИЦИРОВАН

# НАВГОНИҲОИ ТИББИ ҶАҲОН

***Муҳаққиқон муайян намудаанд, ки чаро занҳо нисбати мардон бештар умр мебинанд***

Оморҳо нишон медиҳанд, ки занҳо аз рӯйи давомнокии ҳаёти худ аз мардон фарқ мекунанд. Тибқи иттилои "Новости Mail.RU", мутахассисони До-



нишгоҳи Калифорнияи Иёлоти Муттаҳидаи Амрико рози дарозумрии занонро шарҳ додаанд. Гуфта мешавад, дарозумрии занҳо ба эстроген марбут аст, ки ҳуҷайраҳои бадани онҳоро аз пиршавӣ эмин медорад.

Ба ақидаи коршиносон, сатҳи эстроген ва дарозии теломерҳо бо ҳам алоқаманданд. Теломерҳо қисматҳои муҳофизатие дар охири хромасомаҳо мебошанд. Чӣ қадар теломерҳо кӯтоҳ бошанд, ҳамон қадар синни биологии организм бештар аст. Ва теломерҳои занон дар муқоиса бо мардон оҳистатар кӯтоҳ мешаванд.

Хормони занона фаъолнокии пайвастагиҳоеро, ки метавонанд теломерҳоро дароз кунанд, афзоиш медиҳад. Бар замми ин, сатҳи баланди хормон барои дар ҳолати хуб нигаҳ доштани системаҳои дилу рагҳо ва устухон кумак менамояд. Бояд гуфт, ки одатҳои бади мардон, монанди тамокукашиву майзадагӣ низ сабаби кӯтоҳии умри онон мешавад.

***Лауреатҳои Ҷоизаи Нобелии соли 2018 дар соҳаи тиб эълон гардиданд***

Тавре расонаи "Ремедиум" хабар медиҳад, Ҷеймс П. Эллисон ва Тасуку Хонджё сазовори ҷоизаи Нобелии имсола дар соҳаи тиб шуданд. Ин олимон тайи чандин солҳост, ки ба омӯзиши масъалаҳои кори масуният машғуланд. Аммо Кумитаи Нобелӣ таҳияи равишҳои нав дар масуниятдармонии беморихои онкологиро махсус қайд намуд. Олимон барои коркарди ин равиши ҷадид корҳои бузурге анҷом додаву заҳматҳои зиёде кашидаанд.



Аз ҷумла Ҷеймс П. Эллисон қайд намуд, ки сафедаи CTLA-4 чун боздорандаи ҳуҷайраҳои масунияти Т кор мекунад. Бо таҳқиқи равиши кори сафеда маълум гардид, ки онро на танҳо барои табобати бемориҳои аутомасуниятӣ, балки барои муоличаи маризиҳои онкологӣ низ метавон истифода бурд.

Эллисон подтани (antibody) махсус ба CTLA-4-ро коркард намудааст, ки метавонад фаъолнокии сафедаро баста, низоми масунияти инсонро барои мубориза бо ҳуҷайраҳои саратонӣ таҳрик диҳад. Ҳанӯз дар анҷоми аввалин озмоишҳо дар соли 1994 ояндадор будани ин равиш маълум гардида буд, вале натиҷаҳои комилан дақиқ соли 2010 ба даст омаданд (ин муолиҷа ба бемории доғи гулафшон кумак намудааст).

Дар навбати худ, Хонджё бо таҳқиқи сафедаи PD-1 машғул будааст. Ӯ исбот намудааст, ки PD-1 низ системаи масуниятро боздмедорад, аммо механизми таъсири он аз сафедаи CTLA-4 фарқ мекунад. Соли 2012 зимни озмоишҳои дармонгоҳӣ дар бисёре аз бемории саратони бадзот таъсироти боздорандаи PD-1 мушоҳида гардид, ки дар натиҷа илтиёми (ремиссия) дарозмуддати бемории вазнинро ба миён овард.

***Коршинос мегӯянд, ҷоизадорони Нобелӣ дар соҳаи кимиё симои тибро абадан тағйир медиҳанд***

Ҷоизаи Нобелии имсола дар соҳаи кимиёро олимони амрикоӣ Фрэнсис Арнолд ва Ҷорҷ Смит ва кимиёшиноси бритонӣ Грегори Винтер ба даст оварданд. Тавре расонаҳо иттилоъ медиҳанд, кашфиёти илмии онҳо дар саноати доруcозӣ як навгонии бузургеро ба вуҷуд оварданд. Олими амрикоӣ Фрэнсис Арнолд барои таҳқиқи таҳаввулоти нигаронидашудаи ферментҳо, Ҷорҷ Смит ва Грегори Винтер барои намоиши фагии (phage display) пептиду подтанҳо сазовори ҷоизаи Нобелӣ гардиданд.

Фрэнсис Арнолд аввалин касест, ки таҳаввулоти нигаронидашудаи ферментҳоро истифода намудааст (сафедаҳо-катализаторони реаксияҳои кимиёӣ). Ин усул имкон медиҳад, аз ҳисоби ҷаҳишҳое (mutation), ки дар пайдарҳамии



генҳо ба таври ногаҳонӣ зуҳур мекунанд, сафедаҳои дорои таркиби муайян ба даст оварда шаванд. Минбаъд онҳо барои ҳалли вазифаҳои мушаххас зарур мебошанд.

Аммо Ҷорҷ Смит усули озмоишгоҳии омӯзиши таъсироти сафеда-сафедагӣ, сафеда-пептидӣ ва ДНК-сафедагиро зери унвони "намоиши фагӣ" офаридааст. Дар навбати худ, Грегори Винтер ин усулро барои сохтани доруворихои нав истифода намудааст. Намоиши фагӣ имкон медиҳад, подтанҳое ба даст оянд, ки токсинҳоро бартараф намуда, бо бемориҳои аутомасуниятӣ мубориза мебаранд, ҳамчунин имкон фароҳам меоранд, саратони марҳилаи метастаз табобат карда шавад.

**ШИФО**

# ДАЛЕЛҲОИ АҶИБИ ТИББӢ

Хадамоти ёрии таъҷилӣ нахуст дар охири асри XIX дар шаҳрҳои бузурги дунё пайдо шудаанд. Барои интиқоли беморони хобида фойтунҳои махсусе сохта шуда буданд, ки баъдтар онҳоро




«мошини ёрии таъҷилӣ» меномиданд ва ҳамин гуна ин ибора нововбаста ба гузашти замон ва ҷойивазкунии фойтунҳо бо наклиётӣ муосир ҳанӯз ҳам дар забонҳои мардуми дунё бетағйир боқӣ мондааст.

Чашм яке аз нозуктарин узвҳои инсон ба шумор меравад. Бо ин ҳол, мушаки ҳаракатдиҳандаи чашм босуръаттарин мушаки организм аст. Раванди мижазанӣ тақрибан 100 миллисекунд, ё 5 маротиба дар як сония тӯл мекашад. Ҳар сония зуҷоҷаи (хрусталик) узви бинои метавонад ба 50 ашё назар намояд, аммо ин нигоҳ



номуназзам мебошад. Мушакҳои чашм танҳо ҳангоми пайгирии чизҳои ҷумбанда метавонанд ҳаракати муттасил дошта бошанд.

Стоматология ё худ дандонпизишкии муосир начандон таърихи тӯлонӣ дорад. Дар давоми асрҳои миёна ва ибтидои асри XIX намояндагони касбҳои дигар, аксаран табибони тахассуси умумӣ ва сартарошон хидмати стоматологӣ мерасониданд. Албатта маҳорати сартарошон танҳо аз кандани дандон иборат буд.



29 апрели соли 1961 узви экспедитсияи шашуми антарктикӣ, табиби шӯравӣ Леонид Рогозов эҳсос кард, ки атрофи рости коворааш сусту дарманд гардида ва ҳамчунин ҳарорати баданаш баланд мешавад. Бо вуҷуди он ки дигар табибон ҳузур надоштанд, ӯ ба худ ташхис гузошт — варами шадиди кӯррӯда — ва қарор дод,



то худаш хешро ҷарроҳӣ кунад, зеро ҳеҷ имкони парвоз кардан аз истгоҳ мавҷуд набуд. Ҳангоми ҷарроҳӣ ду ҳамкори Рогозов кумак намуданд, яке табибро бо асбобҳо таъмин кард ва дигаре ойинаро дар назди шикам нигоҳ дошт. Дар давоми 1 соату 45 дақиқа, Рогозов амалҳои лозимаро иҷро кард ва ҷарроҳиро муваффақона анҷом дод.

**ШИФО**

# Сабзии киштшаванда:



*Насриддин Муҳиддинов, табиби оилавӣ*

Сабзии киштшаванда (сабзӣ, бехӣ, зардак, газара) - Daucus sativus (Hoffm.) Roenl дорои чунин хусусиятҳои морфо-ботаникист - бехмеваи дусолаест аз оилаи чатргулҳо. Решааш ғафс, серобу сершира мебошад. Яке аз сабзавотҳои маъмултарин дар байни мардум ба шумор меравад. Бехмевааш гуногуншакл (дукшакл, ғуташакл, гирда ё конусшакл) ва гуногунранг (зард, сурх, норинҷӣ, норинҷии сурхтоб, сафед, бунафш) мешаванд, вазнаш аз 30 то 200 г мешавад. Пояи сабзии дусола сершоха буда, то 100 см қад мекашад. Баргаш зоҳиран сегӯша, гулаш дуҷинса, хӯшагулаш чатрмонанд буда, гулбаргҳои гули канории чатр сафед ё зардтоб, гули марказии чатр одатан сурхи баланд мешавад. Мевааш гирдаи дарозрӯя ва аз ду паллатухм иборат аст. Сабзӣ фақат соли дуюм гул карда, тухм мебандад.

Сабзии хонагӣ ё худ киштшаванда ба намуди Daucus carota L. дохил мешавад. Сабзӣ — зироати нисбатан сармобардор мебошад. Навниҳоли он ба сармоии – 40С тоб меорад. Назар ба бехмеваҳои дигар ба об камталаб ва нисбатан гармобардор аст. Сабзиро ба замини ҳосилхез мекоранд. Меъёри кишт—5 кг/га мебошад. Тухм баъди 2—3 ҳафтаи кишт неш мезанад.

Тахмин мекунанд, ки сабзӣ аз Осиёи Миёна, Афғонистон ва кишварҳои баҳри Миёназамин баромадааст. Онро чун гиёҳи доругӣ 4 ҳазор сол муқаддам кишт мекарданд. Ҳоло онро қариб дар тамоми мамлакатҳои дунё мепарваранд. Дар ИДМ, аз ҷумла дар Тоҷикистон навъҳои серҳосили сабзӣ кишт карда мешавад, ки инҳоянд: «Нантская 4», «Шаитенэ 2461, «Московская зимняя А-515», «Геранда», «Валерия», «Мирзоии сурхи 228», «Мирзоии зарди 304» «Мушаки 195», «Мушаки сурх» ва ғайра.

Хусусиятҳои шифоӣ ва истифодаи он. Ҳалво, мураббо ва дӯшоб (шиннӣ)-и сабзӣ зудҳазм буда, хусусияти доруӣ дорад. Ба ақидаи муаллифи «Махзан-ул-адвия» Муҳаммад Ҳусайн сабзӣ ба ҷигар, меъда қувват мебахшад, балғамро қатъ, сурфа, дарди сина, меъда, ҷигар ва санги гурдаву масонаро рафъ мекунад. Дар тибби муосир сабзиро барои табобати авитаминоз ва камхунӣ истифода мебаранд. Сабзӣ барои беморони иллати дил, ҷигар ва гурда хӯроки парҳезист. Оби сабзӣ ба кӯдакон хеле муфид аст. Сабзӣ ва шарбати онро барои шахсоне тавсия медиҳанд, ки ба бемории гиповитаминоз ва авитаминози А гирифтор шудаанд. Таҷрибаҳо нишон додаанд, ки сабзӣ раванди оксиду барқароршавии дохили ҳуҷайраро фаъол мегардонад, мубодилаи карбогидратҳоро идора мекунад, инчунин сабзӣ хусусиятҳои антисептикӣ, зиддиварамкунӣ, карахткунӣ, захмшифодиҳиро низ доро мебошад. Шарбати сабзиро барои шахсоне, ки дар халтадони онҳо санг пайдо шудааст ё ин ки бемории буғумдард доранд тавсия медиҳанд. Баъди як рузи ба сактаи миокарди дил гирифтор шудан, инчунин ба занҳои ҳомила, занҳои пиронсолу кӯдакон истеъмоли шарбати сабзӣ фоидаи хуб дорад. Шарбати тару тозаи онро инчунин ҳангоми камхунӣ ва дарди меъда истифода мебаранд. Бар замми ин сабзии тару тоза ва шарбати он шиддати бемориҳои захмӣ ва бемории варами рӯдаро пешгирӣ мекунад. Аҳамияти сабзиро бар зидди бемориҳои қарнияи чашм, вайроншавии мубодилаи намаки пешоб, бемориҳои банду буғум, остеохандроз, санги пешобдон ва санги талхадон нишон додаанд. Сабзӣ хусусияти дарунронӣ ва пешобориро дорад, бинобар ин онро ҳангоми бемории узвҳои ҳозима ва гурда истеъмол мекунанд.

Аз тухми сабзӣ доруи "Даукарин" ба даст овардаанд, ки онро ҳангоми бемории заъфи дил, пайдоиши дард дар гӯшаву канори дил, қафаси сина ва дарди артерияҳо истифода мебаранд.

Дар тибби халқӣ сабзии худрӯйро барои аз байн бурдани кирми меъда, инчунин ба сифати доруи заифкунанда, ҳамчунин барои аз организм дур кардани моддаҳои радиоактивӣ истифода мебаранд. Мева ва барги кӯфтаи сабзиро дар ҷойи захмшуда мегузоранд. Сабзӣ ҳангоми варам кардани пардаи шуш, ҳолати вазнини ҳомиладорӣ ва барои баланд кардани ҳисси шаҳвонӣ кумак мерасонад. Шарбати тару тозаи сабзро ҳамчун дору барои нест кардани кирми меъда (саҳар ва бегоҳ як қошуқ пеш аз хӯрок) истифода мебаранд, ҳангоми дарди даҳон бо он даҳонашонро мешӯянд. Қиёми алафи сабзӣ бо чаъфарӣ барои бартараф кардани бемориҳои бавосир (геморрой), саратон, санги гурда ёрӣ мерасонад. Шарбати сабзиро ҳангоми бемории варами пешобдон ва шамолхӯрии пешобдон истеъмол мекунанд.

Таркиби кимиёӣ. Хусусияти серғизоӣ ва доруии сабзӣ ба таркиби кимиёияш алоқаманд аст. Бехи сабзӣ 4,5—7,3% қанд, витаминҳои B1, B2, B6, C, E, K, P, PP, каротин (провитамини А), намакҳои калсий, фосфор, оҳан, микроэлементҳо ва ғайра дорад. Сабзии сурх ва норинҷӣ назар ба сабзии зард серкаротин аст. Дар таркиби онҳо аз ҳама бештар қанд зиёд аст, дар таркиби навъҳои беҳтарини сабзӣ миқдори қанд то 12%-ро ташкил медиҳад. Дар таркиби қанд - сахароза, глюкоза ва инчунин фруктоза мавҷуд аст. Ба ғайр аз қанд дар таркиби бехмеваи сабзӣ крахмал (1,5-6,6% моддаи хушк), клетчатка (бо ҳисоби миёна 1,7%), моддаҳои пектинӣ ва лигнин вуҷуд доранд. Дар таркиби сабзи сафедаҳо (то 6,7% моддаи хушк), аминокислотаҳо (5,5%) ва амидҳоро ҳамчун моддаҳои нитрогендор нишон додаанд. Дар таркиби бехмевагиҳо аланин, аспарагин, глутамин, глитсин, лизин, серин, валин ва дигар аминокислотаҳоро дарёфт кардаанд. Аз барг, тухм ва бехмеваи онҳо равғани эфир низ гирифтан мумкин аст. Дар таркиби хокистари бехмеваи сабзӣ аз ҳама бисёр калий, каме натрий ва калсий, инчунин фосфор, оҳан, алюминий, бор, бром, йод, манган, мис, молибден, қалъагӣ, руҳ ва дигар элементҳо мавҷуданд. Аз ферментҳо каталаза, пероксидаза, ситохромоксидаза, инвертаза, протеаза ва ғайра дарёфт кардаанд.



# ФАРБЕҲӢ ВА ОҚИБАТҲОИ

*Идома аз саҳ.1*

дигар узвҳою бофтаҳо зоҳир мегардад. Чарбҳо ба мисли дигар таркиботи ғизо моддаи зарурӣ ҳисоб мешаванд. Чарбҳо дар тамоми равандҳои мубодилавӣ фаъолона ширкат меварзанд. Истеъмоли ҳаррӯзаи он бо миқдори муайян барои фаолияти дурусти бофтаҳо зарур аст. Талаботи шабонарӯзии организм барои инсони солими калонсол 80 – 100 гр чарбро ташкил мекунад. Дигар моддаҳои ғизоӣ қисми лозимаашон барои хуб фаъолият кардани бофтаҳо сарф мешавад, қисми боқимондааш аз организм хориҷ мешавад. Чарбҳо низ дар ҳар раванд иштирок карда, қисми боқимондааш захира мешавад. Бо ин мақсад дар организм ҳуҷайраҳои чарбзахиракунанда (адипоситҳо) вуҷуд доранд. Бо роҳи ихроҷ ва ғадудҳои чарбубарор 5% — чарби истеъмолшуда аз организм хориҷ мешавад.

Сабаби асосии ба вуҷуд омадани фарбеҳӣ ин қабули зиёди энергияи ғизо ва сарфи ками он мебошад. Ғайр аз ин, боз якчанд омилҳои дигаре низ мавҷуданд, ки фарбеҳшавиро ба вуҷуд меоранд. Инҳо як гурӯҳ бемориҳои ғадудҳои тарашшуҳи дохилӣ: вайроншавии фаъолияти гипофиз, гипоталамус, ғадуди болои гурда-бемории Кушинг, гипотиреоз, инчунин ҳомиладорӣ, камҳаракатӣ, ирсият ва дигар омилҳои гуногуни иҷтимоӣ ба ҳисоб меравад. Инчунин стресҳои гуногуни равонӣ ба мисле ки ҳангоми андӯҳгин будан баъзе инсонҳо ғаму андӯҳи худро бо хӯрокхӯрӣ таҳаммул мекунад. Шумораи зиёди инсонҳое, ки аз фарбеҳӣ ранҷ мекашанд, дар ҳаёт камҳаракатанд. Новобаста аз он ки миқдори киллокалорияе, ки тӯли як шабонарӯз қабул мекунанд аз меъёри муқарарӣ зиёд набошад ҳам, вале зиёдшавии вазн дар онҳо мушоҳида мешавад. Ғайр аз пурхӯрӣ, сабаби дигари фарбеҳшавӣ истеъмоли зиёди хӯроки чарби ҳайвонот дошта ва карбогидратҳои зудҳазмшаванда мебошад. Ҳамин тариқ, истеъмоли хӯрокҳои серравған, маҳсулоти қаннодӣ, оҳардошта, маҳсулоти шири серравған вазни баданро зиёд мекунанд.

Бар замми ин, ҳангоми сарф накардани килокаллорияи қабулшуда такроран қабул кардани каллорияҳои иловагӣ боиси ҷамъшавӣ ва захирашавии молекулаҳои чарбӣ мегардад. Ҳамин тариқ, агар вазни инсон аз вазни муқаррарӣ мувофиқ ба қаду қоматаш аз 20% зиёд бошад, фарбехшавӣ дар ӯ мушоҳида мешавад.

Мутахассисон фарбеҳиро ба чаҳор дараҷа тасниф намуданд. Дараҷагузорӣ аз рӯи индекси вазни бадан бо истифодаи ҷадвал ва формула иҷро мешавад:

1. Дараҷаи зиёдшавии вазни бадан то 10% — 29%,
2. То 30% — 49%,
3. То 50% — 99%,
4. Аз 100% зиёдтар.

Агар андозаи даврии камару шикам дар занҳо 88 см–ро ва мардҳо 102 см–ро ташкил кунад, ташхиси фарбеҳии шикамӣ гузошта мешавад.

Ғайр аз ин, таснифот мувофиқи ҷойгиршавӣ ва ҷамъшавии чарбҳо ду шакли фарбеҳиро ҷудо мекунанд: мардона (андроидӣ) ва занона (гиноидӣ). Чарбҳое, ки шакли фарбеҳии занонаро ба вуҷуд меоранд, ҳамзамон дар худ ҳормонҳои ҷинсии занонаро ҳосил ва захира мекунанд. Ин барои организми занҳо дар марҳилаҳои баъди қатъшавии даври ҳайз (постменопауза) ва пешгирӣ аз атеросклероз зарур аст. Барои мардон бошад, фарбеҳии андроидӣ як қатор мушкилиҳоро ба вуҷуд меорад. Чарбҳои захирашуда дар атрофи узвҳои дохилӣ ҷамъ мешаванд, ки ин фаъолияти муқарарии узвро халалдор месозад. Дар натиҷа ба вуҷуд омадани бемориҳои атеросклероз, бемории ишемиявии дил, артроз, гепатози ҷигар, диабети навъи 2, саратонҳо дар хатар аст.

Фарбеҳӣ бемориест, ки марҳилаҳои пинҳонӣ надорад ва аз давраҳои аввали беморӣ аломатҳои он ва шикоятҳои бемор шурӯъ мешаванд. Ҳангоми сари вақт пешгирӣ накардан ва монеа нашудан фарбеҳшавӣ тағйиротҳои ҷиддиро ба вуҷуд меорад. Сарфи назар аз нуқсонҳои косметикӣ дигаргуниҳо дар ҳамаи узву бофтаҳо пайдо мешаванд. Дар марҳилаи якум ва дуюми фарбеҳшавӣ тарзи ҳаёт ва қобилияти корӣ он қадар тағйир намеёбад. Аммо ҳангоми пешгирӣ накардан он дар муддати кӯтоҳ метавонад ба марҳилаҳои сеюм ва чорум гузарад. Дар марҳилаи сеюм аллакай тағйиротҳо дар узвҳои дилу рагҳо, такя ва ҳаракат, узвҳои ҳозима шурӯъ мешаванд.

Инсонҳои ба фарбеҳӣ мубталошуда, новобаста ба синну

# хосиятҳои тиббию кимиёӣ



*Абдуллоҷон Қурбонов, омӯзгор*

Таркиби бехмевагиҳо аз витаминҳои гуногун бой мебошанд, бинобар ин дар ҳаёти мо сабзи аҳамияти ниҳоят калон дорад, ба хусус каротин (провитамини А). Бисёртар каротин дар таркиби сабзие, ки рангаш зарди сурхчатоб аст (5,4-19,8мг%, дар баъзе навъҳо 37 мг%) дарёфт карда шудааст. Аз барги сабзӣ тераниол ба даст меоваранд.

Барои пешгирии бемориҳои гиповитаминоз ва авитаминози А, камшавии биноии чашм ва ба бемороне, ки пӯсташонро бо дистрофия иваз мекунанд сабзии тару тозаро тавсия медиҳанд. Гарчанде ки дар таркиби сабзӣ каротин вуҷуд дорад, аммо ҳангоми бемориҳои ҷигар ва сустшавии вазифаи ғадуди сипаршакл каротини таркиби сабзӣ ҳал намешавад, бинобар ин дар ин ҳолат ва ин ки сабзиро балки витамини А-и табииро тавсия медиҳанд.

Дар баъзе ҳолат шарбати сабзиро дар косметика истифода мебаранд, чунки он пӯсти рӯйро ботароват мекунад.

Реша ва тухми сабзии худрӯй ва зироатиро метавонанд ҳамчун доруворӣ истифода баранд. Тухми сабзӣ ҳамчун доруворӣ маззаи тез дорад, инчунин онро ҳамчун забуда (приправа) истифода мебаранд.

Усулҳои тайёр кардани дору ва истифодабарии он: Сабзии дар шир ҷӯшонидаро ҳангоми бемадоршавӣ, кандашавии шоҳрохи узвҳои ҳозима, бемории сили пӯст, камқувватии узвҳои ҷинсӣ истифода мебаранд.

Ҳангоми сабзии резакардашударо дар ҷойҳои захм, ҷароҳатҳои сухта гузоштан онро сиҳат мекунад. Агар ҳар рӯз сабзии резакардашуда ва як истакон шарбати онро истифода баранд, бемориҳои сироятиро кам мекунад, зардпарвинро табобат мекунад, пӯсти рӯйи инсонро тоза ва нарм месозад, биноии чашмро хуб мегардонад.

Шарбати бо асал ва шир омехтакардаи сабзиро барои сулфаи сахт, ангена, овози гирифта, сили шуш, саратони меъда, шамолхӯрӣ тавсия медиҳанд. Барги дар об ҷӯшонидаи сабзӣ ҳангоми саршӯӣ барои қадкашӣ ва қувваи мӯй фоидаовар аст. Равғани сабзӣ барои пӯсти хушки рӯй фоидаовар аст. Барои ин ду то сабзии шусташударо аз турбтарошак мегузаронанд, баъд аз ин зардии тухм ва якчанд қатра равғани пок илова мекунанд. Маҳсули ба дастомадаро таваccути дока ё латта ба рӯй мепечонанд, баъди 20-25 дақиқа дока ё латтаи равғандорро аз рӯй мегиранд ва бо оби гарм мешӯянд. Ин амалро дар як ҳафта ду бор такрор мекунанд.

Ҳангоми шиддати дарди гурда қиёми 20%-аи тухмпояи сабзӣ дардро гум мекунад ва пешобро меронад. Шарбати сабзиро баъди пастшавии бемории сил ва камхунӣ истеъмол мекунанд. Агар аз барги сабзӣ чой тайёр кунанд ташнагиро зуд мешиканад, инсонро серҳаракат ва зиндатар мегардонад.

Ширaи сабзӣ ба таркиби препарати "Уролесан" дохил мешавад. Истифодаи препарати "Уролесан"-ро барои беморони ҷигар ва гурда, барои бемороне, ки холетсиститӣ дуру дароз ва доимӣ доранд ва барои шахсоне, ки дар пешобдонашон ё дар талхаашон сангҳои гуногун доранд, иҷозат дода мешавад.

Хусусияти табобатии сабзӣ аз мавҷудияти каротин (провитамини А), вобаста мебошад, чунки каротин организми инсонро аз витамини А бой месозад. Сабзиро ҳангоми ба гиповитаминози А гирифтор шудан истифода мебаранд. Норасоии витамини А дар организм боиси зуд-зуд хасташавии инсон мегардад, иштиҳо баста мегардад, ки оқибат ба бемориҳои зуком, узвҳои ҳозима ва пӯст (хушкии пӯст, рехтани мӯй, шикастани нохун) гирифтор мекунад. Ба ғайр аз ҳамаи ин соки сабзии бо асал омехтакардаро барои табобати бемориҳои чашм истеъмол мекунанд.

Шарбати сабзиро ҳангоми сактаи миокарди дил менӯшанд.

Барои пешгирӣ кардан аз фарбеҳӣ сабзиро бо хӯриши аз карам тайёркардашуда ва клюква истеъмол мекунанд, чунки дар таркиби онҳо як миқдори ёд мавҷуд аст.

Дар Чин тухми сабзиро ҳангоми бемории доимии исҳоли хунин ва метеоризм истеъмол мекунанд. Чарбуи равғанинро, ки аз тухми сабзӣ мегиранд, барои исқоти ҳамл истифода мебаранд.

Даукарин – ҷамъи флавоноидхое мебошад, ки аз тухми сабзӣ ҷудо мекунанд. Он ҳаракати спазмолитикиро нишон медиҳад, ҳаракати папаверин ва келлинро маълум месозад ва рагҳои дилро васеъ мекунад. Онро ҳангоми пайдоиши камбуди дар рагҳои дил, ҳангоми бемории давомдори девораи рагҳои хун (артериосклероз), ҳангоми бемории диққи нафас ва ғайра истифода мебаранд.

Тавсияҳо барои беморон:

1. Барои калонсолоне, ки ба бемори ҷигар гирифтор шудаанд, ё ин ки дар талхадони онҳо санг пайдо шудааст, ҳар саҳар ба дили наҳор 100–200 г истеъмоли шарбати тару тозаи сабзӣ таъин карда шудааст. Шарбатро дарҳол баъди омода кардан нӯшидан лозим аст.

2. Ҳангоми шамолхӯрии роҳҳои нафас ва варамии ҳалқу гулӯ шарбати тару тозаи сабзиро бо якчанд қошуқ асл илова намуда, ҳар рӯз онро 4 – 5 маротиба як қошуқӣ истеъмол мекунанд.

3. Як қошуқ тухми сабзиро дар як истакон оби ҷушомада омехта карда, онро дар тафдон ба миқдори 12 соат мегузорем ва таҳшин мекунем. Дар як рӯз се маротиба ҳангоми гармиаш истеъмол мекунанд. Ин табобат барои шахсоне, ки дар гурдаҳояшон санг доранд, тавсия дода шудааст. Таоми ин ҳангоми камхунӣ, камқувватӣ, ҳангоми тангшавии рагҳои хунгарди дил, гурда ва ҷигар, бавосир ва сахтшавии меъда, шукуфа, пӯсти хушк ва ҳоказо манфиатбахш аст.

Ҳангоми дар гурда санг пайдо шудан, дар як рӯз 3 маротиба 1-грамм хокаи тухми сабзиро барои дарунронӣ ва пешобронӣ истеъмол мекунанд. Баргҳои дар об ҷӯшонидашудаи сабзиро ҳангоми ба бемории бавосир гирифтор шудан истеъмол мекунанд.

Шарбати тару тозаи онро барои табобати захм, ҷойҳои сӯхта, хунукзада, қисми болоии пӯст, ки захмдор шудаасту фасод гирифтааст истифода мебаранд.

**Абдуллоҷон Қурбонов**
*н.и.б, омӯзгори калон, мудири кафедраи анатомия ва физиологияи ДДОТ ба номи Садриддин Айнӣ*
**Насриддин Муҳиддинов**
*табиби оилавии Маркази саломатии деҳаи Понғози ноҳияи Ашт*

# НОГУВОРИ ОН



сол бармаҳал аз хасташавӣ, нафастангӣ, арақкунии зиёд, дарди пойҳо, бадшавии ҳазми ғизо шикоят менамоянд. Онҳоро хатари вайроншавии ғадудҳои тарашшуҳи дохилӣ, бемории фишорбаландӣ, атеросклероз, бемории қанд ва ба вуҷуд омадани марги нобаҳангом таҳдид мекунад.

Табобати фарбеҳӣ, дар навбати аввал, иродаи қавии онҳоро талаб мекунад. Маҳз иродаи қавӣ метавонад инсони фарбеҳро аз ин роҳи пурмашаққат гардонад. Дар навбти дуюм, ин риояи парҳези ғизо ва машқҳои ҷисмонӣ мебошад. Реҷаи парҳези ғизоро табиби бемориҳои дохила ҳамроҳи табиби парҳезшинос (диетолог) тартиб медиҳад. Инсонҳои дараҷаи якум ва дуюмдошта мустақилона бо риояи реҷаи парҳез ва иҷрои машқҳои ҷисмонӣ метавонанд раванди фарбеҳиро пешгирӣ намоянд. Дар аввал машқҳои оддӣ бояд интихоб шаванд, ба мисоли пиёдаравӣ, оббозӣ, машқи пагоҳирӯзӣ. Инчунин, дар як шабонарӯз истеъмоли якуним, ду литр об зарур аст. Раванди харобшавӣ бояд мунтазам гузарад, зеро ки ҳангоми харобшавӣ организм моддаҳои ғизоӣ, витаминҳо, макро ва микроэлементҳоро низ аз даст медиҳад. Ин ҳолат ба баъд шудани вазъи умумии бемор ва ҳамроҳ шудани дигар бемориҳои музмин мегардад.

Муолиҷаи фарбеҳӣ ба мисли дигар бемориҳои музмин бояд бетанаффус ва бо риояи ҳатмии реҷаи табобат ва хӯрок гузаронида шавад. Баъди ноил шудан ба муваффақиятҳо барои пешгирии оризаҳо ва нигоҳ доштани натиҷаи ба даст омада кӯшиш кардан лозим аст, зеро фарбеҳшавӣ низ хусусияти бозгаштанро дорад. Вазни партофташуда то 100% метавонад барқарор шавад. Бо ин мақсад риояи парҳези ғизо ва иҷрои машқҳои ҷисмонӣ ҳатмӣ ва доимӣ бошад.

Тавре ки дар боло зикр шуд, сабаби асосии фарбеҳӣ пурхурӣ мебошад. Пурхурӣ метавонад шакли музминро бигирад, яъне ба одат табдил меёбад. Ин ба вайроншавии фаъолияти маркази иштиҳо дар мағзи сар мегардад, дар натиҷа меъёри хӯроки истеъмолшуда нокифоя мебошад. Дар инсон хоҳиши хӯрдани хӯроки изофӣ пайдо мешавад, ки чунин кирдор, албатта боиси зиёд шудани вазн мешавад. Инчунин, дигар омилҳое мавҷуданд, ки ба пурхурӣ водор мекунанд.

Бояд дар хотир дошт, ки фарбеҳӣ ин ҳолати меъёрӣ набуда, балки беморӣ аст. Мебояд дар тамоми муассисаҳои давлатӣ аз ҷониби табибони дармоншинос (терапевтҳо) корҳои фаҳмондадиҳӣ оиди бурдани тарзи ҳаёти солим, истеъмоли ғизои фоидаовар, барои инсонҳои дар марҳилаҳои ибтидоии фарбеҳӣ қарордошта пешниҳод намудани дастурамалҳои пешгирикунандаи фарбеҳӣ ва дигар чорабиниҳои беҳдоштӣ ташкил карда шавад. Зеро худи фарбеҳӣ не, балки оқибатҳои нохуше, ки ба он ҳамроҳ мешавад риштаи умри инсонро канда мекунад. Табобат ва пешгирии саривақтии оқилона ҳаёти инсонро аз ҳар гуна хатарҳо эмин нигоҳ медорад ва зиндагии зебо бидуни бемориҳо насибаш мегардад.

**Дилбар ҚУРБОНОВА**
**Шоира БОБОЕВА**

***Кафедраи тавонбахшии тиббӣ-иҷтимоӣ бо курси тибби Шарқ Муассисаи давлатии таълимии Коллеҷи тиббии ҷумҳуриявӣ***

# ГЕПАТИТҲОИ ВИРУСӢ ВА ТАШХИСИ ОНҲО

**Ё чанд нукта дар бораи гепатитҳои вирусӣ ва роҳҳои гузаришу озмоиши онҳо дар мусоҳиба бо Салимзода Абубакр – директори Маркази пешгирӣ ва мубориза бар зидди гепатитҳои вирусӣ**

***Устоди азиз, сараввал таъсиси ин маркази замонавиро, ки давоми сиёсати хирадмандонаву дурандешонаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аст, ба Шумову кулли кормандонатон таҳният мегӯем. То ҷое огаҳӣ дорем, имрӯзҳо таваҷҷуҳ ба масъалаи бемориҳои сироятӣ боз ҳам ҷиддитар гардида, барои пешгирӣ, ташхис, назорат ва табобати онҳо тадбирҳои муассире андешида мешаванд. Гепатитҳои вирусӣ низ аз радифи ҳамин бемориҳоянд ва мехостем дар бораи онҳо барои хонандагони "Шифо" маълумот бидиҳед.***

Салому сипос аз таҳният ва ҳусни таваҷҷуҳатон. Мутмаинам, дар партави ҳидоятҳои Пешвои муаззами миллат ва мусоидату дастгирии Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ маркази мо метавонад рисолати худро анҷом дода, дар ин замина барои рушди соҳаи тандурустии кишвар саҳми босазое гузорад. Воқеан, гепатитҳои вирусӣ аз ҷумлаи бемориҳои сироятие ҳастанд, ки боиси нигаронии ҷиддии ҷомеаи ҷаҳонӣ гардидаанд. Гепатитҳои вирусӣ гурӯҳи бемориҳои аз рӯйи этиологӣ ба ҳам шабоҳат надошта ва дар ҳамин ҳол маризиҳои гузарандае ҳастанд, ки ангезандаашон вирусҳои гепатотропӣ мебошанд. Ин бемориҳо дорои тартибҳои гуногуни сироятӣ ва афзалияти иллатрасонӣ буда, бо афзоиш додани синдромҳои умумитоксикӣ, диспепсионӣ, гепатолиеналӣ ба системаи гепатобилиарӣ зарба зада, боиси вайроншавии вазифаҳои ҷигар мешаванд.

***Оё ин бемориҳо роҳҳои гузариши хоси худро доранд?***

Аз рӯйи тартиби роҳҳои гузариш гепатитҳои вирусиро ба ду гурӯҳ ҷудо мекунанд:

- сироятшавӣ бо тартиби фекалӣ-оралӣ – гепатитҳои вирусии А ва Е;
- бо тартиби гемоперкутанӣ (бо хун алоқадошта) ташкилкунандаи гурӯҳҳои гепатитҳои парентералии B, D, C, G. Вирусҳои ангезандаи гепатити парентералии дорои иқтидори хрониогенӣ, махсусан дар гепатити вирусии С ифодаёбанда мебошад. Ба ғайр аз гепатити музмин, онҳо ба афзоиши хатари сиррози ҷигар ва карсиномаи гепатоселюллярӣ мусоидат менамоянд.

***Мехостем дар мавриди гузариши гепатитҳо андаке муфассалтар маълумот бидиҳед. Барои аз шахси дигар сироят нашудан чӣ кор бояд кард, кадом чораҳои пешгирикунандаро риоя намудан зарур аст?***

Гепатитҳои вирусӣ ба бадани (организм) инсон ба ду роҳ ворид мешавад:

1. Бо тартиби сироятшавии фекалӣ-оралӣ. Шахси бемор метавонад вирусҳои фекалӣ ҷудо намояд ва онҳо тавассути об ё хӯрок ба рӯдаҳои шахсони дигар ворид шаванд, ки хоси гепатитҳои вирусии А ва Е мебошад.

2. Алоқаи инсон бо хуни сироятшуда, ки хоси гепатитҳои вирусии B, C, D, G мебошад. Хатари бештаринро шакли паҳншуда ва таъсирҳои вазнини сироятшавии гепатитҳои вирусии В ва С доро мебошанд.




Истифодаи якчанд сӯзан барои якчанд шахс хатари сироятшавиро афзун мегардонад. Ин роҳи маъмултарини сироятшавӣ дар байни нашъамандон мебошад. Вирусҳои B, C, D, G бисёртар ҳангоми алоқаҳои ҷинсӣ мегузаранд. Аз ҳама бештар тавассути алоқаи ҷинсӣ гепатити В мегузарад. Аз таҳлилҳо бармеояд, ки сироятшавӣ ба гепатити С дар байни ҳамсарон камтар мебошад. Роҳи сироятшавӣ аз модар ба кӯдак, ки онро табибон "амудӣ" меноманд, камтар ба мушоҳида мерасад. Хатар дар он ҳолат бештар мегардад, ки агар зан дорои шакли фаъоли вирус бошад ё дар моҳҳои охири ҳомиладорӣ гепатити шадидро гузаронида бошад. Эҳтимолияти сироятшавии ҷанин дар ҳолате, ки модар дорои гепатити вирусӣ ва ВНМО (вируси норасоии масунияти одам) бошад, афзоиш меёбад.

Гепатити вирусӣ бо шири модар намегузарад. Гепатитҳои вирусии B, C, D, G ҳангоми холкӯбӣ дар бадан (татуировка), сӯзанзанӣ, сӯрохкунии биниву гӯшҳо бо сӯзанҳои корфармуда низ ба бадан мегузаранд. Сарчашмаи ҳолатҳои сироятшавӣ дар ҳаҷми 40 % номаълум мемонад.

***Нишонаҳои аввалини бемориҳои гепатит кадомҳоянд: шахс чӣ гуна мефаҳмад, ки сироят ё бемории гепатит шудааст, бояд чӣ корҳоеро анҷом диҳад?***

Аломатҳои гепатит аз лаҳзаи сироятшавӣ то пайдо шудани нишонаҳои аввалини беморӣ вақтҳои гуногунро дар бар мегиранд: барои гепатити А 2-4 ҳафта ва гепатити В 2-6 моҳ лозим меояд. Гепатити А то пайдо шудани зардпарвин ба зуком монанд буда, ҳангоми ин гирифтор шудан ҳарорати бадан баланд гардида, дарди сар ва бадан пайдо мешавад.

Гирифторшавӣ ба гепатитҳои В ва С дар аввал оҳиста-оҳиста, бе баландшавии якбораи ҳарорати бадан мегузарад. Гепатитҳои вирусии В ва С-ро бо ҳароорати паст, дардҳо дар буғумҳо, баъдан бо гармшавии бадан муайян менамоянд. Муайяншавии ибтидоии гепатити С метавонад дар сустӣ ва гирифтани иштиҳо ифода ёбад. Аломатҳои пайдоиши беморӣ паст шудани иштиҳо, пайдо шудани дард дар қабурғаҳои рост, дилбеҳузурӣ, қайкунӣ, сиёҳшавии пешоб ва сафедшавии фазла мебошад.

Дар ин асно ҷигар ва дар баъзе ҳолатҳо испурч васеъ мешавад. Дар хун вирусҳои хоси ношунгузор ёфта мешаванд, билирубин васеъ мешавад, намунаҳои ҷигарӣ низ 8-10 маротиба васеъ мегарданд.

Одатан, пас аз пайдо шудани зардпарвин ҳолати бемор беҳтар мешавад, аммо ин амал дар ҳолати гирифтор будан ба гепатити С, ҳамчунин майпарастии музмин, нашъамандӣ, новобаста ба намуди вирус ба иҷро намерасад. Ҷоришавии гепатитҳо дорои шаклҳои гуногун: сабук, мӯътадил, вазнин ва фулминантӣ (яъне барқвор) мебошад.

***Аз иттилои Шумо дарёфтем, ки гепатит дорои чандин шаклу марҳила будааст. Мегуфтед, ки кадом шакли ин бемориҳои вирусӣ ба ҳаёти инсон хатари бештаре доранд?***

Аз ҳама хатари бештар дар ҷоришавии музмини гепатитҳо дида мешавад. Музмингардонӣ танҳо хоси гепатитҳои B, C, D мебошад. Нишонаҳои бештари хоси гепатитҳои музмин беҳолии афзоишёбанда ва дар охири рӯз ба хастаҳолии баланд табдилёбандаанд, ки боиси ғайриимкон гардидани иҷрои сарбориҳои ҷисмонии пештар иҷрошаванда мегарданд. Нишонаҳои гепатит ҳамчунин дилбеҳузурӣ, дардҳо дар шикам, дардҳо дар буғум ва мушакҳо, вайроншавии қазои ҳоҷат ба ҳисоб мераванд. Ҳангоми гирифтор шудан ба зардпарвин дар ҳолати чуқур рафтани дараҷаи гепатити музмин сиёҳшавии пешоб, хориши пӯст, хунравӣ, лоғаршавӣ, васеъшавии ҷигар, испурч ва ситорачаҳои рагҳо рӯй медиҳанд.

***Ҳар беморӣ ташхиси озмоишгоҳии худро тақозо менамояд ва албатта, гепатитҳои вирусӣ низ истисно нестанд. Лутфан, дар рӯйи ин масъала рӯшанӣ меандохтед. Шахс дар ҳолати гумони сироятёбӣ бояд аз кадом ташхисҳои хос гузарад ва дар асоси кадом нишондодҳо сироятёфта будан ё набудани ӯ муайян карда мешавад?***

Асоси ташхиси лаборатории гепатитҳои вирусӣ инҳо мебошанд:

- маълумот дар бораи ангезандаҳои онҳо ва бақайдгирӣ;
- маълумот дар бораи пайдошавӣ ва гумшавии нишонаҳои сироятшавӣ;
- усулҳои ҳозиразамони иммунохимиявӣ ва молекулавӣ-биологии зоҳиркунии антигенҳо, подтанҳо (антителоҳо) ва кислотаҳои нуклеинӣ, ташхиси лаборатории гепатитҳои вирусӣ барои муайяннамоии антигенҳои хос ва антителоҳои мутобиқ дар хун барои гепатитҳои вирусӣ, ҳамчунин, кислотаҳои нуклеинии вирусӣ HBsAg – анти-HBs, анти-HBc класс IgM ва IgG, HBeAg – анти- HBe ва ВГВ (ДНК) мебошанд.

Дар ташхиси гепатитҳои вирусӣ ба таври васеъ мафҳуми HBsAg истифода мегардад. Антигени мазкур ҳангоми бемориҳои шадид ва музмин (аммо сирояти шадид, одатан, дар натиҷаи мавҷуд будани миқдори баланди анти-HBc IgM тасдиқ мегардад) пайдо мешавад. Ҳангоми гепатитҳои вирусии шадид антигени болои вирус пас аз 3-5 ҳафта аз лаҳзаи сироятшавӣ, яъне муддати тӯлонӣ то пайдошавии нишонаҳои клиникии беморӣ дарёфт карда мешавад ва дар ин ҳолатҳо нишонаи серологии ягона мебошад. HBsAg ҳамеша дар давраҳои бемории пеш аз зардпарвинӣ ва зардпарвинӣ ошкор мегардад. Истодагарии HBsAg дар давоми 6 моҳ ва зиёда аз он ба тӯлонӣ ва музмин будани ҷараёни беморӣ ишора карда, имкон медиҳад, ки музминии барандаи вирус пешбинӣ карда шавад.

***Аз чунин як суҳбати судманду пурмуҳтаво сипосгузорем. Ният дорем, дар нашрҳои минбаъда аз фаъолияти Маркази пешгирӣ ва мубориза бар зидди гепатитҳои вирусӣ ба хонандагон иттилои муфассал диҳем.***

Комёб бошед. Албатта, аз ҳамкорӣ бо ҳафтаномаи "Шифо" ҳамеша шодем!

**Эҳсон ТУРСУНОВ**



*Муассис: Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон*

**ҲАЙАТИ МУШОВАРА:**

**Олимзода Насим Хоҷа** - вазири тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон

**Умарзода Саида Ғайрат** - муовини якуми вазир

**Одиназода Азиз Абдусаттор** - муовини вазир

**Камолзода Мирҳамуддин** - муовини вазир

**Содиқова Дилором Нуруллоевна** - ёрдамчии вазир

**Бекмуродзода Султон Бекмурод** - сардори Хадамоти назорати давлатии тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ

**Холзода Абдулҳаким Қувват** - директори Агентии давлатии ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ

**Бибихонум Дарвешзода** - директори Маркази матбуоти вазорат

**Сармуҳаррир Эҳсон Турсунов**

**Котиби масъул, тарроҳ: Комрони Абдуназар**

**ҲАЙАТИ ЭҶОДӢ:**

**Зайнаб Анварӣ**
**Иброҳим Ятимов**

Ҳафтанома таҳти №058/РЗ-97 аз 20 – уми феврали соли 2018 дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон сабти ном шудааст.

- Барои риояи гуногунандешӣ матолибе низ ба табъ мерасанд, ки муҳолифи дидгоҳи ҳайати эҷодист. Дурустии далелу рақамҳо бар дӯши муаллифон аст.
- Дар ҳафтанома аз маводҳову матолиби интернет низ истифода мегарданд.
- Маводҳо дар шакли электронӣ, бо ҳуруфи Times New Roman, андозаи 14 қабул карда мешаванд.

Ҳафтанома дар ҶДММ "Мега - принт" ба табъ расид. Теъдоди нашр 5000 нусха

**Нишонӣ: 734025, ш.Душанбе, кӯч. Шевченко 69, тел.: 44-600-60-02**